Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14 http://www.tgfeu.tj/tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Мубрамияти мавзуи тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ноустувории молиявию иқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи қудрати харидории пули миллӣ бевосита аз самаранокии механизми идоракунии таваррум вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он аз омилҳои сохторӣ ва воридоти молҳои стратегӣ вобастагии зиёд дорад, истифодаи танҳо фишангҳои монетарӣ барои ҷилавгирӣ аз таваррум кифоя нест. Аз ин рӯ, такмили механизми молиявӣ тавассути ҳамоҳангсозии сиёсати андозию буҷетӣ ва пулию қарзӣ, оптимизатсияи хароҷоти давлатӣ ва дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони дохилӣ ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи илмӣ ва амалӣ табдил ёфтааст.

Ба андешаи муаллиф, мубрамияти мавзуи мазкур дар заминаи омилҳои калидии макроиқтисодӣ, молиявӣ ва сохтории зерин асос ёфтааст:

- Хислати сохторӣ ва берунии таваррум: Дар Тоҷикистон таваррум бештар на аз ҳисоби омилҳои пулӣ (монетарӣ), балки аз ҳисоби омилҳои берунӣ, яъне воридоти маҳсулоти аввалия (сӯзишворӣ, гандум) ва тағйирёбии қурби асъор шакл мегирад. Аз ин рӯ, фишангҳои танҳо пулию қарзии Бонки миллӣ кифоя набуда, такмили механизми молиявӣ (фискалӣ) зарур аст.
- Зарурати ҳамоҳангии сиёсати молиявӣ ва пулӣ: Яке аз мушкилоти муосир — ин заифии ҳамоҳангӣ байни Вазорати молия (сиёсати андозу буҷет)

ва Бонки миллии Тоҷикистон (сиёсати монетарӣ) мебошад. Мубрамияти мавзуъ дар дарёфти моделҳои нави интегратсияи ин ду сиёсат зоҳир мешавад.

- Таъсири таваррум ба сатҳи зиндагии аҳолӣ: Болоравии нархҳо ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ (масалан, об, таъминоти коммуналӣ) бевосита ба қудрати харидории шаҳрвандон таъсир мерасонад. Механизмҳои молиявӣ бояд устувории иҷтимоиро таъмин кунанд.

- Иқтидори баланди таваррумӣ: Новобаста аз нигоҳ доштани таварруми расмӣ дар доираи нишондиҳандаҳои мақсаддор, дар иқтисодиёти кишвар «иқтидори таваррумӣ» бинобар вобастагии баланд аз импорт ва монополияи бозорӣ баланд боқӣ мемонад.

- Гузариш ба реҷаи нави сиёсати пулӣ: Тоҷикистон дар марҳалаи гузариш ба низоми таргеткунии таваррум (инфляционное таргетирование) қарор дорад, ки ин азнавсозии куллии механизмҳои танзими молиявиро талаб мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки сабабҳои асосии таваррум тибқи назарияи кейнсгароӣ, ки ҳамчун «талаботи самарабахш» шинохта мешавад, шароити нопурра ва ғайрисамаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ мебошад.

Ҳамзамон дар автореферат ба маврид қайд гардидааст, ки мақоми низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисодиёт аз ташаккулёбӣ ва сафарбаркунии унсурҳои таркибии талаботи самаранок вобаста мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалиро мусбат арзёбӣ намуда, мехостем камбудии онро низ зикр намоем:

1.Муаллиф дар расми 1 алоқамандии зичи таваррумро бо хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки боиси баландшавии нархҳо мегардад, нишон додааст, аммо нуктаи назари худро пурра тавзеҳ надодааст.

2. Агар дар автрореферат роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои молиявии идоракунии раванди таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас нишон дода мешуд, сатҳу сифати автореферат боз ҳам беҳтар мегардид.

Лекин, ба ақидаи мо, камбудии нишондодашуда арзишу аҳамияти диссертатсияи иҷронамудаи Хушвахтзода Д.С.-ро ҳаргиз кам намекунанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда, муаллифи он хулосаю тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо пешниҳод намудааст.

Дар натиҷаи баррасии автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Д.С. дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» метавон ба хулоса омад, ки он кори мукаммали тахассусии илмӣ буда, ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дараҷаҳои илмӣ ва муаллифаш сазоворӣ дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**

Д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

Имзои д.и.и., дотсент Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикитсон Пирзода С.С.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Деҳоти, 1/2.
https://www.tguk.tj. E-mail: tguk@mail.ru, E-mail: tguk2025@gmail.com
тел: +992 (37) 234-85-46